*«Садои Шарқ»*, No 2, 1971

**Шаш ғазали асил**

Донишманди маъруфи эронӣ Парвиз Нотили Хонлари дар маҷаллаи «Сухан» (1340 ҳиҷрӣ, шумораҳои 1-5) аз дастхатҳои қадима, ки дар нимаи аввали асри IX ҳиҷрӣ (асри XV мелодӣ) китобат шудаанд, таҳти унвони «Чанд ғазали асили Ҳофиз» 24 адад ғазали Ҳофизро, ки ба нусхаҳои чопии Теҳрон дохил нашуда будаанд, манзури хонандагон кардааст.

Аз он ҷумла шаш ғазали зерин, ки дар нусхаҳои чопи Душанбе (1951, 1957 ва 1967) ва сӣ ғазали нашри академик Абдулғанӣ Мирзоев («Фонӣ ва Ҳофиз», Душанбе, 1966) дида нашуданд, ба ҳаводорони назми Ҳофиз тақдим мешаванд.

* * *

*Сурати хубат, нигоро, хуш ба ойин бастаанд,*
*Гӯиё нақши лабат аз ҷони ширин бастаанд.*
*Аз барои мақдами хайли хаёлат мардумон*
*3-ашки рангин дар диёри дида ойин бастаанд.*
*Кори зулфи туст мушкафшониву наззорагон*
*Маслиҳатро тӯҳмате бар нофаи Чин бастаанд.*
*Ёраб, он рӯясту дар пироҳанаш банди кулоҳ*
*Ё ба гирди моҳи тобон иқди Парвин бастаанд.*

* * *

*Маро май дигарбора аз даст бурд.*
*Ба май кох бинмудаме дастбурд.*
*Ҳазор офарин бар майи сурх бод,*
*Ки аз рӯи ман ранги зардӣ бибурд.*

*Бинозам ба дасте, ки ангур чид,*
*Мерезод пое, ки дарҳам фишурд.*
*Маро аз қазо ишқ шуд сарнавишт,*
*Қазои навишта нашояд сутурд!*
*Бирав, зоҳидо, хурда бар мо магир*
*Ки кори Худой на корест хурд!*
*Шавад масти ҳайрат зи ҷоми аласт*
*Ҳар он, к-ӯ чу Ҳофиз маи соф хӯрд.*

* * *

*Ҳаваси боди баҳорам ба сари саҳро бурд,*
*Бод бӯи ту биёварду қарор аз мо бурд.*
*Ҳар куҷо буд диле, чашми ту бурд аз роҳаш,*
*На дили хастаи бемори маро танҳо бурд.*
*Омаду гарм бибурд оби рухам ашк ба сим,*
*Зар ба зар дод касе, к-омаду ин коло бурд.*
*Дили сангини туро ашки ман овард ба роҳ –*
*Сангро сел тавонад ба раҳи дарё бурд.*
*Дӯш завқи тарабам силсилаи шавқ набаст,*
*Пои хайли хирадам лашкари ғам аз ҷо бурд.*
*Роҳи мо абрӯи он турки камонабрӯ зад,*
*Рахти мо сунбули он сарви сиҳиболо бурд.*
*Ҷоми май дӣ зи лабат дам зи равонбахшӣ зад,*
*Оби май з-он лаби ҷонбахши равонафзо бурд.*
*Баҳси булбул бари Ҳофиз макун аз хушсуханӣ,*
*Пеши тӯтӣ натавон номи ҳазорово бурд.*

* * *

*Ишқи ту ниҳоли ҳайрат омад,*

*Васли ту камоли ҳайрат омад.*
*Бас ғарқаи холи васл, к-охир*
*Ҳам бо сари ҳоли ҳайрат омад.*
*Як дил бинамо, ки дар раҳи ӯ*
*Бар чеҳра на холи ҳайрат омад.*
*На васл бимонду на васоил,*
*Он ҷо, ки хаёли ҳайрат омад.*
*Аз ҳар тарафе, ки гӯш кардам,*
*Овози суоли ҳайрат омад.*
*Чун қуръа задам зи дафтари ишқ,*
*Гӯшам чу ба фоли ҳайрат омад.*
*Чун тоири ваҳми мо дар ин роҳ*
*Ҳам бепару боли ҳайрат омад.*
*Сар то қадами вуҷуди Ҳофиз*
*Дар ишқ ниҳоли ҳайрат омад.*

* * *

*Гирди узори ёри ман то бинавишт гирди хат,*
*Моҳ зи ҳусни рӯи ӯ рост фитод дар ғалат.*
*Аз ҳаваси лабаш, ки он з-оби ҳаёт хуштар аст,*
*Гашт равон зи дидаам чашмаи об ҳамчу шат.*
*Гар ба ғуломии худам шоҳ қабул мекунад,*
*То ба муборакӣ диҳад банда ба бандагиш хат.*
*Гаҳ ба ҳаво-т медиҳам гард мисол ҷону дил,*
*Гоҳ ба об мекашам оташи ишқи ту чу бат.*
*Оби ҳаёт, Ҳофизо, гашта хиҷил зи табъи ту,*
*Кас ба ҳавои ишқи ӯ шеър нагуфт з-ин намат.*

* * *

*Соқӣ, агарат ҳавои мо ҳай,*
*Ҷуз бода маёр пеши мо шай!*
*Асрори дил аст дар раҳи ишқ*
*Овози самову нолаи най.*
*Як муфлиси покбоз дар ишқ*
*Беҳтар зи ҳазор Ҳотами Тай*
*Султонсифат он бути париваш*
*Меомаду халқи шаҳр дар пай.*
*Мардум нигарон ба рӯи хубаш*
*В-аз шарм фиканда оразаш ҳай,*
*Ҳофиз зи ғами ту чанд нолад,*
*Охир, мани дилшикаста то кай?*

**Ба чоп ҳозиркунанда**
**Раҳим Мусулмонқулов**